**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст.**

Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич соли 2011 ба факултети энергетикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи ихтисоси 430103 - Электротаъминкунии корхонаҳои саноатӣ дохил шуда, онро соли 2015 бо дараҷаи бакалавр хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда, соли 2015 барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии электротехникии ба номи В.И. Улянова (Ленина)-и Санкт Петербурги Федератсияи Руссия, факултели электротехника ва автоматика аз рӯйи ихтисоси 27.04.04 - Идоракунӣ дар низоми техникӣ дохил шуда, соли 2017 зинаи мазкурро бо ихтисоси 27.04.04 - Идоракунӣ дар низоми техникӣ хатм кардааст. Номбурда бо фармоиши президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №30001/23-415 аз 05.09.2022 с. ба ҳайси докторанти (PhD) Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ аз рӯйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехникӣ) қабул карда шуда, мувофиқи амри президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 01.07.2025 с., №30001/23-285 таҳсилро дар докторантураи (PhD) Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расонидааст.

Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич фаъолияти кории худро дар ҶСК "НБО Роғун" соли 2017 ба ҳайси инженер - электрик оғоз намудааст. Аз соли 2018 то соли 2019 – барқкори зеристгоҳи барқии "Новая" дар Хадамоти зеристгоҳи барқии Шабакаҳои барқии марказии ҶСХК "Барқи Тоҷик", солҳои 2019 то 2020 ба тариқи гузариш ба вазифаи мутахассиси Раёсати электороэнергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2020 то апрели соли 2023 ба тариқи гузариш ба вазифаи мутахассиси пешбари Раёсати электроэнергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз апрели соли 2023 то июни соли 2023 ба вазифаи ассистени менеҷери лоиҳаи кам намудани талафоти неруи барқ дар вилояти Хатлон (шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар) дар ҶСК "Тоҷикгидроэлектромонтаж", аз июли соли 2023 то феврали соли 2025 сармутахассиси Раёсати рушди соҳаҳои энергетикӣ, сарфаҷӯии энергия ва танзими давлати тарифҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз феврали соли 2025 то майи соли 2025 роҳбари дастгоҳи маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Данғара", аз майи соли 2025 то июли соли 2025 сармутахассиси раёсати рушди минтақаҳо ва мониторинги иҷрои барномаҳои миллии сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди

минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз июли соли 2025 то ноябри соли 2025 ходими илмии озмоишгоҳи “Энергетика, захира ва энергосарфанамоӣ”, аз ноябри соли 2025 то майи соли 2026 ходими калони илмии озмоишгоҳи “Энергетика, захира ва энергосарфанамоӣ” ва аз майи соли 2026 то имрӯз и.в. мудири озмоишгоҳи “Энергетика, захира ва энергосарфанамоӣ”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии докторанти (PhD) Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич аз муқаддима, 4 боб, 41 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима ва қисмати муқарраротии кори диссертатсионӣ аҳамияти интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омузиши мавзӯъ, алоқамандии он бо стратегияҳо ва барномаҳои илмӣ оварда шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия шароити имрӯзаи соҳаи энергетика ҳамчун яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо таҳлил шудааст. Соҳа тақрибан 60%-и истеъмоли ҷаҳонии ангишт ва 40%-и истеъмоли гази табииро дар бар мегирад. Инчунин, нишон дода шудааст, ки тағйироти технологӣ дар электроэнергетика талаботро ба захираҳои маъданию ашёи хом зиёд менамояд.

Дар **боби дуюм** масъалаҳои асосии рушди соҳаи энергетика бо дарназардошти шароити табиӣ, иқтисодӣ ва иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудаанд. Нишон дода шудааст, ки солҳои охир ҳаҷми истихроҷи ангишт дар кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба рушди соҳаи энергетика мусоидат намудааст. Ин раванд боиси зиёд шудани ҳаҷми фурӯш, воридоти молиявӣ ва беҳтар гардидани имкониятҳои сармоягузории корхонаҳои соҳа гардидааст.

**Боби сеюм** ба таҳияи моделҳои математикӣ ва имитатсионии беҳтарсозии реҷаи кори НБО Роғун бахшида шудааст. Ҳадафи асосии боб таҳқиқ ва арзёбии иқтидори гидроэнергетикии дарёҳои бузурги Тоҷикистон, инчунин омӯзиши таъсири равандҳои таҳшиншавӣ ба устувории низоми энергетикӣ мебошад. Дар доираи таҳқиқот захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои асосии кишвар, нишондиҳандаҳои фаъолияти энергетикӣ ва омилҳои ба вуҷудорандаи таҳшиншавӣ таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин, таъсири равандҳои таҳшиншавӣ ба фаъолияти иншооти гидроэнергетикӣ арзёбӣ шуда, барои баланд бардоштани устуворӣ ва самаранокии низоми энергетикӣ чораҳои илмӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Дар **боби чор** усулҳои баҳодиҳии энергиясамаранокии дарёҳои калони Тоҷикистон ва дурнамои рушди комплекси обӣ-энергетикӣ таҳлил шудаанд. Инчунин дар боби мазкур таъсири тағйирёбии иклим дар доираи сенарияҳои иқлимӣ (RCP2.6, RCP4.5 ва RCP8.5) ба захираҳои гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш таҳқиқ шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст

гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи докторанти (PhD) **Раҳмонов Шарифхуча Сайвалиевич** дар мавзуи ***«Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш»*** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехники ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехники) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

«13» 02 соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5/2
Телефон: (+992) 885 47 16 16
E-mail: agulakhmadov@gmail.com

Имзои д.и.т. Гулаҳмадзода А.А.-ро **тасдиқ мекунам**:

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ИМО, ГЭ ва Э АМИТ Адамкулова С.С.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5/2
Телефон: (+992) 988 65 87 60
E-mail: sadafmo96@mail.ru

«13» 02 соли 2026